**Дар Вазорати адлия аз 04.02.2022,**
**№1132 ба қайд гирифта шуд**

Замимаи 1
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумхурии Тоҷикистон
аз « 07_»01 соли 2022, №4-Ф

Дастурамал
дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ (минбаъд - Дастурамал) супорандагони андоз, тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ, пешниҳоди ҳисоботҳои андоз ва дигар унсурҳои андозбандии андози иҷтимоиро муайян менамояд.

## 2. АНДОЗСУПОРАНДАГОН

2. Супорандагони андози интимоӣ шахсони зерин мебошанд:

- шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои алоҳидаи онҳо, муассисаҳои доимии ғайрирезидентон ва соҳибкорони инфиродӣ - корфармоён, ки ба шахсони воқеӣ-резидентони бо онҳо дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ ё бе шартнома ҳамчун коргарони кироя коркунанда музди меҳнат, подошпулӣ ва манфиатҳои дигар медиҳанд;
- шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои алоҳидаи онҳо, муассисаҳои доимии ғайрирезидентон ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ба шахсони воқеӣ- резидентони ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифтанашуда дар асоси шартномаҳои дороӣ хусусияти граждании ҳуқуқӣ ё бе шартнома дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаққи хизматҳои расонидашударо (корҳои иҷрошударо) ҷуброн менамоянд;
- шахсонн воқеии дар сархатҳои якум ва дуюми банди 2 Дастурамал пешбинигардида, ки музди меҳнат, подошпулӣ, манфиатҳои дигар ва ҷуброни ҳаққи хизматҳои расонидашударо (корҳои иҷрошударо) гирифтаанд;
- шахсони воқеие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғуланд, аз ҷумла онҳое, ки ба сифати аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд.

3. Агар андозсупоранда дар як вақт ба якчанд категорияҳои андозсупорандагони дар банди 2 Дастурамал пешбинигардида мансуб бошад, ӯ уҳдадор аст доир ба ҳар як ҳолат андози иҷтимоиро ҳисоб ва пардохт намояд.

4. Барои мақсадҳои Дастурамал:

- андозсупорандагони дар сархатҳои якум ва дуюми банди 2 Дастурамал пешбинишуда суғуртакунандагон эътироф карда мешаванд;
- андозсупорандагони дар сархати сеюми банди 2 Дастурамал пешбинишуда суғурташудагон эътироф карда мешаванд;
- андозсупорандагони дар сархати чоруми банди 2 Дастурамал пешбинишуда хамзамон шахсони суғуртакунанда ва суғурташаванда

эътироф карда мешаванд.

Эзоҳ: Мисоли 1. Соҳибкори инфиродӣ Ш.К. дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ба муҳосиб дар асоси шартномаи меҳнатӣ дар моҳи майи соли 2022 ба маблағи 3500 сомонӣ музди меҳнат пардохт менамояд. Тибқи сархати якуми банди 2 Дастурамал соҳибкори инфиродӣ Ш.К. ҳамчун корфармо ҳангоми пардохти музди меҳнат супорандаи андози иҷтимоӣ, яъне суғуртакунанда эътироф карда мешавад. Муҳосиб даромадро дар шакли музди меҳнат гирифта, мувофиқи сархати сеюми банди 2 Дастурамал супорандаи андози иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ва барои мақсадҳои Дастурамал суғурташаванда номида мешавад. Соҳибкори инфиродӣ Ш.К. нисбат ба даромадҳои худ аз фаъолияти соҳибкорӣ супорандаи андози иҷтимоӣ эътироф гардида, тибқи сархати чоруми банди 2 Дастурамал дар як вақт ҳам суғуртакунанда ва ҳам суғурташаванда ба ҳисоб меравад.

Мисоли 2. Шаҳрванди Федератсияи Россия Л.Я. (ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар доираи шартномаи меҳнатӣ дар ҶДММ «А» ба сифати машваратчӣ фаъолият намуда, барои моҳи январи соли 2022 ба ӯ ба андозаи 1500 сомонӣ музди меҳнат ҳисоб карда шудааст. Дар ин ҳолат ҶДММ «А» ва шаҳрванди Федератсияи Россия Л.Я. супорандаи андози иҷтимоӣ намебошанд. Зеро мутобиқи сархатҳои якум, дуюм ва сеюми банди 2 Дастурамал супорандагони андози иҷтимоӣ ин резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсоне мебошанд, ки ба шахсони воқеӣ-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад пардохт менамоянд.

Мисоли 3. Агар шахси воқеӣ тибқи моддаи 14 Кодекси андоз резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шавад, пас ҶДММ «А» ӯҳдадор аст, ки вобаста ба музди меҳнати ба шахси воқеии мазкур пардохтшаванда андози иҷтимоиро ҳисоб ва пардохт намояд.

5. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд, ҳуқуқ доранд ба мақомоти андози маҳалли зисти доимиашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аризаи хаттӣ муроҷиат карда, ихтиёран супорандаи андози иҷтимоӣ шаванд ва онро дар ҳаҷм ва бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт намоянд.

## 3. ОБЪЕКТИ АНДОЗБАНДӢ

6. Барои андозсупорандагони дар сархатҳои якум ва сеюми банди 2 Дастурамал пешбинигардида объекти андозбандӣ инҳо мебошанд:

1) музди меҳнат, подошпулӣ ва даромадҳои дигари мутобиқи моддаи 186 Кодекси андоз муайяншаванда, ки аз ҷониби андозсупоранда ба манфиати кормандони кироя пардохт мешаванд;

2) пардохтҳо, подошпулӣ ва даромадҳои дигари ба манфиати шахси воқеӣ пардохтшаванда, ки дар сархатҳои якум ва дуюми банди 2 Дастурамал нишон дода нашудаанд.

7. Барои андозсупорандагони дар сархатҳои дуюм ва сеюми банди 2 Дастурамал пешбинигардида объекти андозбандӣ музди меҳнат, подошпулӣ ва манфиатҳои дигари мутобиқи шартномаҳои меҳнатӣ ва граждании ҳуқуқӣ оид ба иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, аз ҷумла пардохтҳо ва подошпулӣ тибқи шартномаҳои муаллифӣ мебошанд, ки андозсупорандагон ба манфиати шахсони воқеие мепардозанд, ки

соҳибкорони инфиродӣ намебошанд.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ «В» 10 нафар шахси воқеиро, ки соҳибкори инфиродӣ намебошанд, барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ба муҳлати 20 рӯз ҷалб карда, ба ҳар як нафар 1000 сомонӣ маблағ пардохт менамояд. Мутобиқи моддаи 16 Кодекси андоз хизматрасонии шахси воқеӣ ҳамчун кори кироя, фармоишгари хизматрасонӣ (ҶДММ «В») нисбат ба шахси воқеӣ ҳамчун корфармо ва шахси воқеии хизматрасон корманди кироя эътироф шуда, арзиши иҷрои кори онҳо музди меҳнат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, пардохти маблағ ба манфиати 10 нафар шахсони воқеӣ мутобиқи банди 7 Дастурамал объекти андозбандии андози иҷтимоӣ барои суғуртакунанда (ҶДММ «В») ва барои суғурташаванда (10 нафар шахси воқеӣ) мебошад. Агар ин шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда бошанд, пас ҳангоми пардохти даромад объекти андозбандии андози иҷтимоӣ ба вуҷуд намеояд. Зеро тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорони инфиродӣ, ки аз ҳисоби хизматрасонӣ даромад ба даст меоранд, вобаста ба низоми андозбандӣ андозҳои дахлдорро ҳисоб ва пардохт менамоянд. Дар ин сурат шахси даромад пардохткунанда ухдадор аст, нусхаи ҳамаи ҳуҷҷатҳо (аз ҷумла шаҳодатнома, патент, ҳуҷҷатҳои бонкӣ доир ба пардохти маблағи патент барои давраи хизматрасонидашуда ва дигар ҳуҷҷатҳо)-и тасдиққунандаро дошта бошад.

Мисоли 2. КВД «М» ба шахси воқеӣ, ки соҳибкори инфиродӣ намебошанд, дар асоси шартномаи муаллифӣ барои таҳияи китоби дарсӣ подошпулӣ ба маблағи 10 000 сомонӣ пардохт менамояд. Пардохти маблағ ба манфиати ин шахси воқеӣ мутобиқи банди 7 Дастурамал объекти андозбандии андози иҷтимоӣ ҳамчун суғуртакунанда (КВД «М») ва ҳамчунин барои шахси суғурташаванда (шахси воқеӣ) мебошад.

8. Мутобиқи бандҳои 6 ва 7 Дастурамал даромадҳои зерин ба объекти андозбандӣ дохил намешаванд:

1) маблағҳое, ки дар доираи шартномаҳои граждании ҳуқуқӣ пардохташаванда, ки мавзуи онҳо гузаштани ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи дигари шайъӣ ба моликият (ҳуқуқи молумулкӣ) мебошад;

2) маблағҳои дар доираи шартномаҳои марбут ба додани ҳуқуқи истифодаи молу мулк (ҳуқуқи молумулкӣ) пардохтшаванда;

3) маблағҳое, ки дар асоси шартномаҳои меҳнатии бо филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқӣ-резидентҳои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта басташуда, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд пардохт карда мешаванд;

4) маблағҳое, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд дар доираи шартномаҳои хусусияти граждании ҳуқуқидошта, ки мавзуи онҳо иҷрои кор, расонидани хизмат берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, пардохт карда мешаванд.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ «О» аз шахси воқеие, ки соҳибкори инфиродӣ намебошад, моли истеҳсолкардаи ӯро мехарад. Дар мисоли мазкур пардохт намудани даромад ба шахси воқеӣ тибқи зербанди 1) банди 8 Дастурамал объекти андозбандии андози иҷтимоӣ ба ҳисоб намеравад.

Мисоли 2. Шахси воқеӣ, ки соҳибкори инфиродӣ намебошад (иҷорадиҳанда), тибқи шартномаи иҷора бинои худро ба ҶДММ «Г» (иҷорагиранда) бо пардохти моҳона ба маблағи 5000 сомонӣ ба иҷора медиҳад. Дар ин ҳолат, тибқи зербанди 2) банди 8 Дастурамал пардохт намудани маблағи иҷора ба шахси воқеӣ (иҷорадиҳанда) объекти андозбандии андози иҷтимоиро ба тарафҳои шартнома ба вуҷуд намеорад.

Мисоли 3. Филиали ҶДММ «Р»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон фаъолият намуда, ба шахси воқеӣ-резиденти Ҷумҳурии Қазоқистон барои иҷрои кор 10000 тангаи қазоқӣ даромад пардохт менамояд. Дар ин ҳолат тибқи зербанди 3) банди 8 Дастурамал аз ҷониби филиали ҶДММ «Р» дар Ҷумҳурии Қазоқистон пардохт намудани даромад ба шахси воқеии мазкур объекти андозбандии андози иҷтимоиро ба вуҷуд намеорад.

Мисоли 4. ҶДММ «З» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахси воқеӣ-шаҳрванди Ҷумҳурии Туркманистон барои хизматрасонӣ дар Туркманистон 5000 манати туркманӣ баробар ба 16000 сомонӣ даромад пардохт менамояд. Тибқи зербанди 4) банди 8 Дастурамал пардохти даромад ба манфиати ин шахси воқеӣ объекти андозбандии андози иҷтимоиро ба вуҷуд намеорад.

9. Барои андозсупорандагони дар сархати чоруми банди 2 Дастурамал зикргардида объекти андозбандӣ даромади умумӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

## 4. МАНБАИ АНДОЗ

10. Манбаи андози андозсупорандагон-суғуртакунандагони дар сархати якуми банди 2 Дастурамал пешбинигардида, маблағи музди меҳнат, подошпулӣ ва дигар манфиатҳое мебошад, ки суғуртакунандагон барои давраи андоз ба шахсони воқеӣ пардохт менамоянд.

11. Манбаи андози андозсупорандагони сархати дуюми банди 2 Дастурамал ҳамчун маблағи пардохтҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳои дигаре мебошад, ки дар давраи андоз бе тарҳкунӣ ба шахсони воқеӣ ҷуброн карда мешаванд.

12. Манбаи андози андозсупорандагон-шахсони воқеии дар сархати сеюми банди 2 Дастурамал зикргардида маблағи музди меҳнат, пардохтҳо, подошпулӣ ва манфиатҳои дигаре мебошад, ки чунин андозсупорандагон дар давраи андоз бе тарҳкунӣ мегиранд.

13. Ҳангоми муайян намудани манбаи андози шахсони воқеӣ ҳама гуна пардохтҳо ва подошпулиҳо, аз ҷумла подошпулиҳои муаллифӣ, ки ҳамчун объекти андозбандӣ муайян шудаанд, ба истисноӣ имтиёзҳои андози иҷтимоии банди 18 Дастурамал, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

14. Барои шахсони воқеӣ-резидентон, ки дар намояндагиҳои дипломатӣ, консулигариҳои давлатҳои хориҷӣ, намояндагиҳои созмонҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ ва (ё) граждании ҳуқуқӣ корҳоро иҷро мекунанд ва хизмат мерасонанд, манбаи андоз маблағи музди меҳнат, пардохтҳо ва подошпулиҳои дигар мебошад, ки дар давраи андоз ба онҳо пардохт карда мешавад.

15. Маълумот дар бораи даромади шахсони воқеӣ - резидентони дар банди 14 Дастурамал зикргардида аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қисми 6 моддаи 330 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа то санаи 15-уми моҳи баъд аз семоҳаи сипаришуда ба Кумитаи андоз пешниҳод карда мешавад.

16. Манбаи андози соҳибкорони инфиродӣ, аз ҷумла аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и бе таъсиси шахси ҳуқуқии дар сархати чоруми банди 2 Дастурамал зикргардида даромади умумии онҳо мебошад, ки чунин андозсупорандагон дар давраи андоз аз фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла дар шакли пулӣ ва (ё) аслӣ (натуралӣ) гирифтаанд.

17. Ҳангоми дар шакли мол (кор, хизматрасонӣ) пардохт гардидани музди меҳнат, подошпулиҳо ва манфиатҳои дигар, манбаи андоз аз рӯи арзиши чунин мол (кор, хизматрасонӣ) дар рӯзи супоридани онҳо дар асоси нархҳои (тарифҳои) бозории онҳо, ҳангоми танзими давлатии нархҳо (тарифҳо) ба чунин мол (кор, хизматрасонӣ), дар асоси нархҳои чаканаи танзимшавандаи давлатӣ муайян карда мешаванд.

## 5. ОЗОДКУНӢ

18. Даромадҳои зерин аз пардохти андози иҷтимоӣ озод карда мешаванд:

1) даромади шахсони воқеӣ - шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар намояндагиҳои дипломатӣ ва (ё) консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа корҳоро иҷро мекунанд ва (ё) хизмат мерасонанд;

2) даромади шаҳрвандони хориҷӣ аз кироякорӣ дар доираи амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) даромадҳои зерине, ки аз андоз аз даромад мутобиқи қисми 1 моддаи 189 Кодекси андоз озод карда шудаанд:

- даромад аз фаъолияти расмии дипломатӣ (консулӣ) ва фаъолияти ба он баробаркардашудаи шахсе, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозае, ки дар шартномаи байналмилалӣ пешбинӣ шудааст;

- арзиши молу мулки дар шаклҳои аслӣ (ғайримоддӣ) ва (ё) пулӣ, ки аз шахсони воқеӣ мерос ё туҳфа гирифта шудааст, ба истиснои даромаде, ки меросгир аз фурӯш (бегона кардан) ё ба иҷора додани молу мулки ба мерос гирифташуда гирифтааст, аз ҷумла подошпулӣ (мукофотпулӣ), ки ба меросхӯрон (ворисони ҳуқуқӣ)-и муаллифони асарҳои илмӣ, адабӣ, санъат, инчунин кашф, ихтироъ ва намунаҳои саноатӣ пардохт карда мешаванд;

3) арзиши туҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда, инчунин ҷоизаҳои (бурдҳои) дар озмунҳо ва мусобиқаҳо гирифташуда, аз ҷумла дар шакли пулӣ, агар:

- арзиши туҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд набошад;

- арзиши ҷоизаҳо (бурдҳо)-и дар озмунҳо ва мусобиқаҳои байналмилалӣ гирифташуда аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд набошад;

- арзиши ҷоизаҳо (бурдҳо)-и дар озмунҳо ва мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ гирифташуда аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд набошад;

4) нафақаҳои давлатӣ ва суғуртавӣ, ҷоизаҳо ва мукофотҳои давлатӣ, стипендияҳои давлатӣ, кумакпулиҳои давлатӣ ва ҷубронпулиҳои давлатӣ;

5) маблағи алимент аз шахсоне, ки алимент мегиранд;

6) подошпулӣ ба донорҳо барои супоридани хун, барои шири модарӣ ва кумакҳои дигари донорӣ додашаванда;

7) маблағҳои пардохти якдафъаина ва кумаки моддӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешаванд;

8) маблағҳо, ки аз ҷониби корфармо ба шахси воқеӣ - резидент барои хароҷоти сафарҳои хизматӣ мутобиқи меъёрҳои муқарраршуда пардохт карда мешаванд;

9) маблағи ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои онҳо, фондҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ–ғайрирезидентҳо пардохт карда мешавад;

10) маблағҳое, ки дар шакли кумаки башардӯстона ва кумаки эҳсонкорӣ, аз ҷумла ҳангоми офатҳои табиӣ пардохт карда мешаванд.

11) фарқияти афзоиши арзиши молу мулки ғайриманқул ҳангоми фурӯш ё шакли дигари бегона кардани он дар ҳолатҳои зерин:

-биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ, ки то лаҳзаи бегона кардан на камтар аз 2 сол ҷойи истиқомати асосии андозсупоранда буданд. Имтиёзи мазкур танҳо нисбат ба як ҷойи зисти асосии шахси воқеӣ татбиқ карда мешавад;

-объектҳои ғайриманқули дигар (ба истиснои объектҳои ғайриманқули барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифодашаванда), ки то санаи бегона кардан на кам аз 2 сол аз санаи бақайдгирӣ дар моликияти андозсупоранда қарор доранд.

12) фарқияти афзоиши арзиш аз фурӯш ё шакли дигари бегона кардани молу мулки манқул, ба истиснои ҳолатҳои зерин:

- агар молу мулк аз ҷониби андозсупоранда барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда шавад;

- агар афзоиши арзиш аз фурӯши молу мулк, ашёи қиматноки таърихӣ (атиқа), асарҳои санъат, ҷавоҳирот ва ашёи дигари коллексионӣ зиёда аз 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил кунад. Муқаррароти мазкур дар ҳолатҳои бо ду ва зиёда амалиёт ба як шахс ва шахсони ба он алоқаманд фурӯхтани ашёи қиматноки таърихӣ, асарҳои санъат, ҷавоҳирот ва ашёи дигари коллексионӣ амалӣ намегарданд. Дар ин ҳолат арзиши маҷмуии молу мулки дар сархати мазкур номбаршуда ба эътибор гирифта мешавад;

-фурӯхтан, додан, гузашт кардан ва шакли дигари бегонакунии саҳмияҳо ва ҳиссаҳои иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳо;

-воситаҳои нақлиёт ва ядакҳо, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд ва камтар аз як сол то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд;

13) пардохтҳои суғуртавие, ки тибқи шартномаҳои дорои хусусиятҳои ҷамъшаванда ва баргардонидашаванда дар доираи маблағҳои аз ҷониби шахси воқеӣ ба ҳисоби чунин шартномаҳо пардохташуда гирифта шудаанд;

14) пардохтҳои суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) тибқи шартномаи суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта, инчунин пардохтҳои суғуртавие, ки дар натиҷаи фавти шахси суғурташуда гирифта шудаанд;

15) маблағҳои маош, подошпулиҳо ва пардохтҳои дигаре, ки хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи системаи вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, мақомоти давлатии амнияти миллӣ, оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти гумрук, Агентии назорати маводи нашъовар, Гвардияи миллӣ, системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба адои хизмат (иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ) гирифтаанд;

16) бурдҳо аз вомбаргҳои давлатӣ ва лотереяҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардааст, ба андозаи на зиёда аз ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба як вомбарг ё лотерея;

17) маблағи кумакҳои иҷтимоии суроғавӣ, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, ба истиснои пардохтҳои марбут ба музди меҳнат, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба андоза ва бо тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешавад;

18) маблағе, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми вафот, расонидани зарари ҷисмонӣ ё намуди дигари зарар ба саломатии корманд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ пардохт карда шудааст;

19) арзиши либосҳои махсус ва (ё) либосҳои расмӣ ва пойафзол, воситаҳои ҳифзи инфиродӣ ва кумаки аввалияи тиббӣ, собун, воситаҳои безараркунанда, шир ё маҳсулоти дигари озуқавории баробарарзиш, ки мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд;

20) пардохтҳои суғуртавии тибқи шартномаҳои суғуртаи ҳатмии масъулияти корфармо (аз ҳисоби маблағҳои корфармо) барои расонидан (ҳангоми расонидан)-и зарар ба ҳаёт ва саломатии корманд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ);

21) маблағи ҷуброни зарари моддӣ, ки бо қарори суд муқаррар шудааст;

22) даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ бе коркарди саноатӣ парвариш (истеҳсол) карда шудааст;

23) маблағи бонусҳо, кэшбэк ва механизмҳои дигари ҳавасмандгардонии муштариён ҳангоми амалиёт бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт;

24) стипендияҳое, ки ба шахс барои таҳсили рӯзона дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ, касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва махсус дода мешаванд;

25) даромади дар шакли музди меҳнат гирифтаи маъюбон аз овони кӯдакӣ ва маъюбони гурӯҳи I;

26) ҷубронпулиҳои суғурта ва дигар пардохтҳои гирифтаи пасандоздорон, ки аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ё аз номи он амалӣ шудааст.

Эзоҳ: Мисоли 1. Шаҳрванди Ҷумҳурии Мардумии Чин Я.Б. дар татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун коргари кироя ҳар моҳ ба маблағи 3000 сомонӣ даромад ба даст меорад. Даромади

шаҳрванди Ҷумҳурии Мардумии Чин Я.Б. аз ин ҳисоб тибқи зербанди 2) банди 18 Дастурамал аз пардохти андози иҷтимоӣ озод мебошад.

Мисоли 2. Шаҳрванд Ш.Х. ба фарзанди худ молу мулкро дар шакли аслӣ, ки маблағи 10 000 сомониро ташкил медиҳад, мерос гузоштааст. Тибқи сархати дуюми зербанди 3) банди 18 Дастурамал арзиши молу мулки мазкур, ки аз ҷониби шаҳрванд Ш.Х. ба фарзандаш мерос гузошта шудааст, ба истиснои даромаде, ки меросгир аз фурӯш (бегона кардан) ё ба иҷора додани чунин молу мулк гирифтааст, аз ҷумла подошпулӣ (мукофотпулӣ), ки ба меросхӯрон (ворисони ҳуқуқӣ)-и муаллифони асарҳои илмӣ, адабӣ, санъат, инчунин ихтироъ ва намунаҳои саноатӣ пардохт карда мешаванд, аз пардохти андози иҷтимоӣ озод мебошад.

## 6. МЕЪЁРҲОИ АНДОЗ

19. Меъёри андози иҷтимоӣ барои суғуртакунандагон ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- барои муассисаҳои буҷетӣ - 25 фоиз;
- барои ташкилотҳои дигар – 20 фоиз.

20. Меъёри андози иҷтимоӣ барои суғурташудагон ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- барои муассисаҳои буҷетӣ –1 фоиз;
- барои ташкилотҳои дигар - 2 фоиз.

21. Меъёри ҳадди ақали андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва аъзои хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

22. Меъёри андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда (хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ), ки ба сифати шахсони суғурташуда дониста мешаванд, ба 1,0 фоиз аз манбаи андоз, вале на камтар аз андозаи ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ (бо назардошти коэффитсиенти минтақавӣ), ки барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқаррар шудааст, баробар мебошад. Дар сурате, ки чунин соҳибкор дар давраи ҳисоботӣ даромад надошта бошад, он уҳдадор аст андози иҷтимоиро ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо, бо дар назар доштани коэффитсиенти минтақавӣ, ки барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқаррар шудааст, пардохт намояд.

Эзоҳ: Мисол. Соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар давраи ҳисоботии моҳи апрели соли 2022 умуман даромад ба даст наовардааст. Дар ин ҳолат, соҳибкори инфиродии мазкур уҳдадор аст, ки ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо, бо дар назар доштани коэффитсиенти минтақавӣ, ки барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқаррар шудааст, пардохт намоянд. Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо тибқи қонунгузории буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор муқаррар карда мешавад.

23. Барои шахсони воқеӣ-резидентҳое, ки дар намояндагиҳои дипломатӣ (консулигариҳо)-и давлатҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои

созмонҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта кор мекунанд ва хизмат мерасонанд, меъёри андози иҷтимоӣ ба сифати суғуртакунандагон ба андозаи 20 фоиз ва барои суғурташудагон 2 фоиз муқаррар карда мешавад.

## 7. ДАВРАИ АНДОЗ, ТАРТИБИ ҲИСОБ ВА ПАРДОХТ НАМУДАНИ АНДОЗ

24. Давраи андози иҷтимоӣ моҳи тақвимӣ мебошад, агар дар Дастурамал тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

25. Агар дар Дастурамал тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, маблағи андози иҷтимоӣ бо роҳи зарб намудани манбаи андозбандӣ ба меъёрҳои дахлдори андоз муайян карда мешавад.

Эзоҳ: Фонди музди меҳнат ин ҷамъи ҳамаи маблағҳое мебошад, ки субъекти хоҷагидорӣ ба кормандон ҳамчун музди меҳнат ҳисоб кардааст. Формулаи ҳисоб кардани андози иҷтимоӣ: АИ=ФММ*МА

Дар ин ҷо:

АИ- андози иҷтимоӣ;

ФММ - Фонди музди меҳнат;

МА- меъёри андоз.

Мисол. Фонди музди меҳнати ҶДММ “К” дар моҳи майи соли 2022 маблағи 188 000 сомониро ташкил медиҳад. Тартиби ҳисоби андози иҷтимоӣ-188 000 *20%=37600 сомонӣ. ҶДММ “К” уҳдадор аст, ки барои моҳи майи соли 2022 ба буҷети давлатӣ 37600 сомонӣ андози иҷтимоӣ пардохт намояд.

26. Андози иҷтимоӣ дар ҳолатҳои дар сархатҳои якум-сеюми банди 2 Дастурамал пешбинишуда бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 236 Кодекси андоз то санаи 15-уми моҳи баъди давраи андоз, ба буҷет гузаронда мешавад.

Эзоҳ: Мисоли 1. Фонди музди меҳнати муассисаи ибтидоии таълимии хусусӣ, ки дар он 40 нафар мураббӣ бо музди меҳнати миёнаи моҳона 2500 сомонӣ кор мекунанд, дар моҳи марти соли ҷорӣ 100 000 сомониро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат муассиса ҳамчун суғуртакунанда андози иҷтимоиро бо тартиби зайл ҳисоб ва пардохт менамояд 100 000*20%=20000. Инчунин муассиса ҳамчун агенти андоз андози иҷтимоии суғурташавандаро дар манбаи пардохти даромад бо тартиби зайл ҳисоб ва пардохт менамояд (2500*2%)*40=2000. Муассиса барои ҳар як суғурташаванда дар як моҳ 50 сомонӣ ва дар маҷмуъ барои 40 корманд 2000 сомонӣ ҳисоб ва ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа пардохт менамояд.

Мисоли 2. ҶСП «А» ба корманди худ ба андозаи 10 000 сомонӣ маблағи қаблан ҳамчун қарз додашударо бахшид. Дар ин ҳолат маблағи қарзи бахшидашуда ба шахси воқеӣ ҳамчун даромади коргар дар шакли музди меҳнат ҳисоб шуда, бо андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахси воқеӣ андозбандӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, ҷамъият уҳдадор аст аз ин маблағ андози иҷтимоӣ ҳамчун суғуртакунанда ба маблағи 2000 сомонӣ (10000*20%) ва ҳамчун суғурташаванда ба маблағи 200 сомонӣ (10000*2%) ҳисоб ва пардохт намояд.

27. Ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ додани маблағҳои пулӣ барои пардохти даромад дар шакли музди меҳнат бе пешакӣ ба буҷет аз ҷониби андозсупорандагон (агентҳои андоз) гузарондани маблағи андоз аз даромад ва андози иҷтимоие, ки ба маблағҳои воситаҳои пулии дар моддаи 236 Кодекси андоз зикргардида мутобиқ мебошад, манъ аст.

28. Андози иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар созмонҳои байналмилалӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, консулӣ ва ташкилотҳои ба онҳо баробаркардашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа дар хизмати давлатӣ қарор доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа то санаи 15-уми баъди семоҳаи ҳисоботӣ пардохт карда мешавад.

29. Соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда андози иҷтимоиро дар як вақт бо гузаронидани маблағи пешбинишуда ба буҷет пардохт менамоянд. Соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар банди 22 Дастурамал зикр гардидаанд, то санаи 15-уми моҳи баъд аз давраи ҳисоботӣ эъломияи андоз пешниҳод ва маблағи андозро пардохт менамоянд.

Эзоҳ: Мисол. Даромади умумии соҳибкори инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дар моҳи феврали соли 2022-ум 5000 сомониро ташкил додааст. Маҳали фаъолияти соҳибкор шаҳри Душанбе мебошад. Дар ин ҳолат андози иҷтимоӣ мутобиқи тартиби пешбининамудаи банди 22 Дастурамал бо тартиби зерин ҳисоб карда мешавад:

(ДА*МА) <>ҲБАҶП

Дар ин ҷо:

ДУ –даромади умумӣ;

МА- меъёри андоз;

ҲБАҶП - ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ (бо дар назар доштани коэффитсиенти минтақавӣ), ки барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқаррар карда шудааст. Агар ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ (бо дарназардошти коэффитсиенти минтақавӣ дар шаҳри Душанбе) барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 160 сомонӣ (яъне, (134*1,2 коэффитсиенти минтақавӣ дар шаҳри Душанбе=160,8) бошад, андози иҷтимоӣ барои соҳибкори инфиродӣ барои моҳи март 160,8 сомониро ташкил медиҳад, ки соҳибкор уҳдадор аст андози мазкурро то 15 апрел пардохт карда, дар ҳамин мухлат эъломияи андози иҷтимоиро пешниҳод намояд. Зеро 1% даромади умумии соҳибкор (50 сомонӣ) аз 160,8 сомонӣ (нишондиҳандаи дар банди 22 Дастурамал пешбинигардида) кам мебошад.

30. Андозсупорандагони дар сархатҳои якум ва дуюми банди 2 Дастурамал зикргардида эъломияи ягонаи андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромадро ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирии худ ҳар моҳ то санаи 15-уми моҳи баъд аз моҳи ҳисоботӣ пешниҳод ва маблағи андозҳоро пардохт менамоянд.

31. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ ҳар нимсолаи тақвимӣ то санаи 15-уми моҳи баъд аз нимсолаи ҳисоботӣ ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ эъломияи андози иҷтимоиро барои

аъзои хоҷагии деҳқонӣ пешниҳод ва маблағи андозро пардохт менамоянд.

32. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар банди 22 Дастурамал зикр гардидаанд, ҳар семоҳа то санаи 15-уми моҳи баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии худ эъломияи ягонаи андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромадро пешниҳод ва пардохти маблағи андозҳоро таъмин менамоянд.

33. Нигоҳ доштани андоз аз даромад ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ аз даромадҳои аз буҷет маблағгузоришавандаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои дипломатӣ, консулӣ ва муассисаҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда ба ҳайси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа фаъолият менамоянд, ба таври марказонидашуда то санаи 15 моҳе, ки пас аз семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад, бо тартибе, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд, анҷом дода мешаванд.

34. Андози иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ташкилотҳои байналмилалӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва ташкилотҳои ба онҳо баробаркардашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа дар хизмати давлатӣ қарор доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа то санаи 15-уми баъди семоҳаи ҳисоботӣ пардохт карда мешавад.

35. Новобаста аз дигар муқаррароти Дастурамал андози иҷтимоӣ нисбати шахсони воқеие, ки дар воҳидҳои махсуси шахсони ҳуқуқӣ кор мекунанд мутобиқи қонунгузории буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани маблағҳои ин андозҳо байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба буҷети маҳали ҷойгиршавии воҳидҳои махсус пардохт карда мешаванд.

36. Барои сари вақт пешниҳод накардани эъломия, инчунин саркашӣ намудан аз пардохти андоз бо роҳи ба эъломия дохил кардани маълумотҳои таҳрифшуда, андозсупоранда мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

37. Андозсупорандагон уҳдадоранд талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ» ва «Дар бораи суғуртаиҳатмии нафақавӣ»-ро доир ба пардохти андози иҷтимоӣ, саҳмҳои андухти нафақавӣ ва пешниҳоди ҳисобот риоя намоянд.

Эзоҳ: Маблағи андози иҷтимоӣ бояд ба суратҳисоби сохтори маҳаллии Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда ворид карда мешавад, агар дар Дастурамал тартиби дигар пешбинӣ карда нашуда бошад.

## 8. БАҲИСОБГИРИИ ПАРДОХТҲОИ ДАВЛАТӢ ВА КУМАКПУЛИҲО АЗ АНДОЗИ ИҶТИМОӢ

38. Бо мақсади назорати дурусти ҳисоб ва пардохти саривақтии пардохтҳои кумакпулиҳои суғуртаи иҷтимоӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз ҷониби суғуртакунанда бевосита дар корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо аз намояндагони корфармо, кумитаи иттифоқи касаба ё мақомоти дигари намояндагии кормандон комиссия таъсис дода мешавад ё барои суғуртаи иҷтимоӣ шахси ваколатдор интихоб карда мешавад.

39. Пардохти кумакпулиҳои иҷтимоӣ, ки бевосита аз тарафи ҷойи кори шахси суғурташуда пардохта шуда, ҳамчун пардохти андози иҷтимоӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» сурат мегирад.

## 9. ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ЭЪЛОМИЯИ ЯГОНА ОИД БА АНДОЗИ ИҶТИМОӢ ВА АНДОЗ АЗ ДАРОМАД, ИНЧУНИН ЭЪЛОМИЯҲОИ АНДОЗИ ИҶТИМОӢ БАРОИ СОҲИБКОРИ ИНФИРОДӢ (ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ)

40. Эъломияи ягона оид ба андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромад аз қисмҳои «Маълумот дар бораи андозсупоранда (корфармо)», «Андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ барои ҳисобкунӣ», «Андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ барои ҳисобкунӣ нисбати воҳиди алоҳида» ва «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида», инчунин шаклҳои 01.01. ва 01.02. иборат мебошад.

41. Дар қисми 1 эъломия маълумоти зерин дар бораи андозсупоранда (корфармо) дарҷ мегардад:

1) дар сатрҳои 1, 2, 3, 4 ва 5 мувофиқан рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас, рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ (ҳангоми мавҷуд будани воҳиди алоҳида), рақами инфиродии суғуртавӣ ва номи андозсупоранда дарҷ карда мешаванд;

2) дар сатрҳои 6, 7, 8, 9 ва 10 мувофиқан намуди эъломияи пешниҳодшаванда, шумораи коргарони кироя (аз ҷумла резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ва воҳидҳои алоҳида), фонди музди меҳнат, давраи андоз ва маълумот дар бораи тағйирёбии шумораи коргарони кироя қайд карда мешаванд.

42. Дар қисми 2 маблағи умумии андоз барои пардохт ба буҷет дарҷ карда мешавад:

1) дар сатри 001 маблағи андоз аз даромад бо дар назар доштани нишондиҳандаҳои шакли 01.01. (ҳисобкунии андоз аз даромади шахси воқеӣ) дарҷ мегардад;

2) дар сатрҳои 002 ва 003 маблағи андози иҷтимоӣ бо дар назар доштани нишондиҳандаҳои шакли 01.02 (ҳисобкунии андози иҷтимоӣ) дарҷ мегардад.

43. Дар қисми 3 дар сатрҳои 004, 005 ва 006 рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштани вохидҳои алоҳида, шумораи кормандон, маблағи андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромад дарҷ мегарданд.

44. Дар қисмати дурустии маълумоти дар эъломия (ҳисоб)-и андоз дарҷшаванда андозсупоранда бо гузоштани имзо, муҳр (хаттӣ ё электронӣ) ва дарҷи санаи пешниҳод эъломияро бо тасдиқ менамояд.

45. Шакли 01.01 чунин пур карда мешавад:

1) дар қисми 1 сатрҳои 001 ва 002 мувофиқан маблағи даромадҳо дар шакли музди меҳнат, дигар даромадҳо ва даромадҳои аз андозбандӣ озодкардашуда, ки бояд тарҳ карда шаванд, дарҷ мегардад;

2) дар сатри 003 манбаи андозбандишаванда, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои сатрҳои 001 ва 002 муайян карда шудааст, дарҷ мегардад (сатри 001-сатри 002);

3) дар қисми 2 сатри 004 хароҷоти иҷтимоӣ, аз ҷумла кумакпулӣ аз рӯи варақаи корношоямии муваққатӣ ва кумакпулӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, ки ҳангоми муайян намудани пардохт ба буҷет тарҳ карда мешавад, қайд мегардад;

4) дар қисми 3 сатри 005 маблағи андози иҷтимоӣ барои муассисаҳои буҷетӣ (сатри 003*25%), дар сатри 006 маблағи андози иҷтимоӣ барои ташкилотҳои дигар (сатри 003*20%), дар сатри 007 маблағи хароҷоти умумии иҷтимоӣ, ки тибқи қонунгузорӣ тарҳ карда мешавад ва дар сатри 008 маблағи андози ба буҷет пардохтшаванда дарҷ мегарданд (сатри 005 ё сатри 006-сатри 007);

5) дар қисми 4 дар сутунҳои А ва Б сатрҳои 009-036 тибқи моддаҳои 189 ва 331 Кодекси андоз манба ва маблағи имтиёзи андоз аз даромади шахсони воқеӣ дарҷ мегардад.

46. Шакли 01.02. чунин пур карда мешавад:

1) дар қисми 1 сатри 001 (сатрҳои 001.1+001.2+001.3) вобаста ба меъёрҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ маблағи ҳама гуна даромадҳо, аз ҷумла пардохтҳо ва подошҳо дарҷ мегардад. Яъне, дар сатри 001.1 даромадҳои бо меъёри 12 фоиз андозбандишавандаи шахсони воқеӣ-резидент аз ҷойи кори асосӣ, дар сатри 001.2 даромадҳои бо меъёри 20 фоиз андозбандишавандаи шахсони воқеӣ-ғайрирезидент аз кори кироя аз манбаъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сатри 001.3 ҳама гуна даромадҳои дигари бо меъёри 15 фоиз андозбандишавандаи шахсони воқеӣ дарҷ мегардад;

2) дар сатри 002 (сатрҳои 002.1+002.2+002.3+002.4) маблағи тарҳи шахсӣ аз даромади дар сатри 001 муайяншуда дарҷ мегардад. Яъне, дар сатри 002.1 андози иҷтимоӣ барои суғурташудагон ва дар сатри 002.2 ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо қайд карда мешавад. Дар сатри 002.3 мутобиқи қисмҳои 2 ва 8 моддаи 191 Кодекси андоз 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва дар сатри 002.4 бошад 10 фоиз аз даромади умумии хароҷот дар шакли ғайринақдӣ дарҷ мегардад;

3) дар сатри 003 (003.1, 003.2 ва 003.3) даромади шахсони воқеӣ, ки пас аз тарҳи шахсӣ боқӣ мемонад, дарҷ мегардад (сатри 001- сатри 002).

4) дар қисми 2 сатрҳои 004 ва 005 мувофиқан музди меҳнати ба шахсони воқеӣ пардохтнашуда ба санаи аввали давраи ҳисоботӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ, ки ба буҷет гузаронида нашудааст дарҷ мегардад;

5) дар сатри 006 (сатри 006.1+сатри 006.2+сатри 006.3) даромади шахсони воқеӣ дар шакли музди меҳнат бе назардошти андозҳо дарҷ мегардад;

6) дар сатрҳои 007 ва 008 мувофиқан маблағи андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар давраи ҳисоботӣ муайяншуда ва даромади дар шакли музди меҳнат пардохташаванда қайд мегардад;

7) дар сатри 009 ҳиссаи музди меҳнати пардохташуда (008.1/ 008) x100) дарҷ мегардад;

8) дар сатри 010 маблағи андоз барои ҳисоб ва дар сатри 011 маблағи бақияи андоз аз даромад ба охири давраи ҳисоботӣ қайд мегардад.

9) дар қисми 3 сутунҳои А ва Б (сатрҳои 011-037) тибқи моддаи 189 Кодекси андоз манба ва маблағи имтиёзи андоз аз даромади шахсони воқеӣ дарҷ мегардад.

47. Эъломияи андози иҷтимоӣ барои соҳибкори инфиродӣ чунин пур карда мешавад:

1) эъломия аз қисмҳои «Маълумот дар бораи андозсупоранда», «Манбаи андоз», «Ҳисоби андоз», «Хароҷоти иҷтимоӣ, ки ҳангоми муайян намудани пардохт ба буҷет тарҳ карда мешаванд» ва «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида»;

2) дар қисми 1 дар сатрҳои 1, 2, 3 ва 4 мувофиқан рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас, рақами инфиродии суғуртавӣ, ном, насаб ва номи падари соҳибкори инфиродӣ нишон дода мешаванд;

3) дар сатрҳои 5, 6 ва 7 мувофиқан намудҳои эъломияи пешниҳодшаванда, давраи андоз ва коэффитсиенти минтақавӣ дарҷ мегарданд;

4) дар қисми 2 дар сатри 001 даромади умумӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ, дар сатри 002 андозаи ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ (бо назардошти коэффитсиенти минтақавӣ), ки барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқаррар шудааст, дар сатри 003 маблағ ба андозаи 2 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (дар ҳолати надоштани даромад) ва дар сатри 004 даромади андозбандинашаванда нишон дода мешаванд;

5) дар сатри 005 манбаи андозбандишаванда дарҷ мегардад;

6) дар қисми 3 сатри 006 маблағи андозбандишавандаи сатри 005 бо меъёри 1 фоиз зарб гардида, ҳосили он дарҷ мегардад;

7) дар сатри 007 хароҷоти иҷтимоие, ки тибқи қонунгузорӣ тарҳи он иҷозат дода шудааст, қайд карда мешавад;

8) агар маблағи ҳосили зарби сатри 006 аз маблағи андозаи ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда (сатри 002) кам бошад, пас дар сатри 008 маблағи андозаи ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ барои патент қайд мегардад;

9) ҳангоми дар давраи ҳисоботӣ надоштани даромад дар сатри 009 маблағи андози иҷтимоӣ ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо қайд мегардад;

10) дар сатри 010 маблағи умумии андози иҷтимоии дар давраи ҳисоботӣ ба буҷет пардохтшаванда (бо дар назар доштани тарҳи хароҷотҳо ва имтиёзҳои муқарраршуда) қайд мегардад.

11) дар қисми 4 (сатрҳои 011-016) хароҷоти иҷтимоие, ки тибқи қонунгузорӣ барои мақсадҳои андози иҷтимоӣ тарҳ намудани онҳо иҷозат дода шудааст дарҷ карда мешаванд.

48. Эъломияи андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ) чунин пур карда мешавад:

1) эъломия аз қисмҳои «Маълумот дар бораи андозсупоранда», «Манбаи андоз», «Ҳисоби андоз», «Хароҷоти иҷтимоии ҳангоми муайян намудани пардохт ба буҷет тарҳшаванда» ва «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида» иборат мебошад.

2) дар қисми 1 сатрҳои 1, 2, 3, 4 ва 5 мувофиқан рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас, рақами инфиродии суғуртавӣ, насаб, ном ва номи падари соҳибкори инфиродӣ нишон дода мешаванд.

3) дар сатрҳои 6, 7 ва 8 мувофиқан намуди эъломияи пешниҳодшаванда, давраи андоз ва коэффисиенти минтақавӣ қайд мегарданд;

4) дар қисми 2 сатри 001 шумораи умумии аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, дар сатри 002 маблағи андози ҳадди ақалли андози иҷтимоӣ барои 1 аъзои хоҷагии деҳқонӣ ва дар сатри 003 манбаи андоз, ки аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ихтиёран аз меъёри муқарраршуда бештар месупорад, дарҷ карда мешаванд.

5) дар қисми 3 сатри 004 шумораи аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба меъёри ҳадди ақалли андози иҷтимоӣ зарб гардида, натиҷаи он дарҷ мегардад;

6) дар сатри 005 маблағи андози ихтиёран ҳисобшуда дарҷ мегардад;

7) дар сатри 006 хароҷоти иҷтимоие, ки тибқи қонунгузорӣ тарҳи он иҷозат дода шудааст, қайд мегардад;

8) дар сатри 007 маблағи умумии андози иҷтимоии дар давраи ҳисоботӣ ба буҷет пардохтшаванда (бо дар назар доштани тарҳи хароҷотҳо) қайд мегардад;

9) дар қисми 4 (сатрҳои 008-013) хароҷоти иҷтимоие, ки тибқи қонунгузорӣ барои мақсадҳои андози иҷтимоӣ тарҳ намудани онҳо иҷозат дода шудааст, нишон дода мешаванд.

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

49. Назорати пардохти андози иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти андоз анҷом дода мешавад.

50. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо ва шахсони мансабдор, инчунин кормандони мақомоти андоз барои риоя накардани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.